Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзӯи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар ҷамеаи ҳуқуқбунёд масъалаи шуури ҳуқуқӣ, хусусан шурри ҳуқуқии судяҳо нақши калидӣ дорад. Муаллиф ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ дода, дуруст қайд менамояд, ки “Вобаста ба ин дар мамалакат як силсила ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқие гузаронида шудаанд, ки онҳо ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими мақомоти судӣ таъсири мусбӣ расониданд. Бинобар ин, барои такмил додани қонунгузории ҶТ дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ-илмие заруранд, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат намояд. Аз ин рӯ, коркарди проблемаи шуури ҳуқуқии касбии

судяҳо аз ҷиҳати назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ зарур ба шумор меравад” (с. 3).

Муаллиф мавзӯи ниҳоят мураккаб ва ҳамзамон мубрамро дар шароити имрӯза интихоб кардааст. Гарчанде дар адабиётҳои илмӣ масъалаи мазкур аз ҷониби олимони гуногун мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо муаллиф тавонистааст, ки онро бо сабку услуби хос, аз лиҳози назари илмӣ ва мавқеи эҷодию муаллифии худ мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор диҳад.

Муаллиф натиҷаҳои илмии худро дар 8 банд ҳамчун навгонӣ барои ҳимоя манзур намудааст, ки аксари онҳо илман асоснок буда, барои илми ҳуқуқ ва рушди қонунгузорӣ заминаи муҳимро фароҳам меоваранд. Ҳамзамон ҳамчун кори илмию эҷодӣ баъзе андешаҳои илмии муаллиф хонандаро ба андеша ва мулоҳизаҳо водор менамояд. Масалан, дар навгонии рақами чорум чунин зикр мешавад:

“Расмиёти судӣ ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиққунии судӣ ба судя шароит фароҳам меорад, ки дар муайян намудани ҳолатҳои парвандаҳои судӣ, ки дорои аҳаммияти муҳими ҳуқуқӣ мебошанд, дар муқаррар кардани ҷоизӣ ва дахлдории далеҳо ва баҳодиҳии онҳо нақши муҳим дошта, ҳамчун қоидаҳои мурофиаҳои судӣ баромад намуда, дар қонунгузорӣ ва қарорҳои суди конститутсионӣ, пленумҳои судҳои олӣ ва олии иқтисодӣ таҷассум ёфта, дар қабули санадҳои қонунию асосноки судӣ мусоидат менамояд. Расмиёти судӣ дар маҷмуъ, аз давраҳои мурофиаи судӣ (мухлатҳои мурофиавӣ, қабули аризаҳо, маводҳо ва парвандаҳои судӣ, омодасозӣ ва гузаронидани маҷлисҳои пешакии

судӣ, таъини парвандҳоа ба муҳокимаи судӣ, оғози маҷлисҳои судӣ, тафтиши судӣ, музокираҳои судӣ, қабули санади судӣ), эътибори қонуни пайдо кардани санади судӣ, марҳилаҳои кассатсионӣ, назоратӣ ва ҳолатҳои нав ошкоргардида, иҷрои санадҳои судӣ иборат мебошанд, ки ҳар кадом дорои қоидаҳои махсус ва муҳлатҳо буда, марҳилаҳои судиро аз якдигар тафовут медиҳанд".

Қобили зикр аст, ки навгонии мазкур каме баҳснок мебошад. Зеро расмиёти судӣ ҷанбаи шаклию ҳуқуқӣ дорад ва густурдагии он аз шуури ҳуқуқии судяҳо вобастагӣ дорад, на баръакс.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод оварда, бо маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории муосир истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзӯи «Проблемаҳои назариявии ташаккури шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон У. А. Меликов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш.
Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992 237) 234-88-02. Сайт: www.iutet.tj
Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru
Тел.: 100400879

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

19.06.2025